Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи “Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми солонаи соли 2022 қайд намуданд: «ҳарчанд ки нишондиҳандаи фаъолияти бонкҳо нисбат ба соли 2021-ум қариб 28 фоиз зиёд мебошад, вале ҳанӯз ба талабот дар самти рушди фаъолияти низоми бонкӣ ҷавобгӯ нест». Барои сайқал додани низоми бонкии мамлакат зарур омад, ки низоми суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣро дар ин самт дида бароянд  имрӯз, ки бонкҳо бештар ба хатар рубару мешаванд барои эмин нигоҳ доштан аз хатар ин суғуртакуни мебошад. Зеро барои бонкҳо суғурта яке аз усулҳои идоракунии хавф ба ҳисоб меравад ва имкон медиҳад, ки устувории низоми бонкӣ нигоҳ дошта, идоракунии ҳамаи зинаҳои рушди бонкҳо таъмин карда шавад.

Мушкилотҳои ҷойдошта, зарурати омузиши ҷанбаҳои таҳлилии суғуртакунии бонкиро меомузад, ки дар самти пешбурди фаъолияти низоми бонкии мамлакат саҳми худро гузорад ва аз омилҳои хатарӣ эмин нигоҳ дошта шавад. Ҳамаи таснифот ва далелҳои зикршуда мувофиқи мавзуи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, рузмарра ва зарурӣ будани аҳамияти амалӣ-арзиши онро тасдиқ мекунад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки истифодаи суғурта дар амалияи алоҳидаи бонкӣ барои идора кардани як қисми хавфҳои бонкӣ зарур аст ва ин имкон медиҳад, ки доираи маҳсулоти бонкии пешниҳодшаванда васеъ карда шавад. Илова бар ин, аз тарафи ташкилоти суғуртавӣ пешниҳод гардидани кафолати ҷуброни зарари ба бонк расонидашуда ба миён омада, ҳангоми баста

шудани шартномаи суғуртавӣ суғуртакунандагон аз болои фаъолияти он назорати ҳаматарафа мебаранд.

Дар қатори бартариятҳои дар автореферат ҷойдошта баъзе тавсияҳо ва пешниҳодҳо карда мешавад, ки ба манфиати кор аст:

1. Дар ҷадвали якуми автореферат (с. 9) хуб мешуд, ки муаллиф ақидаи худро бозҳам васеътар шарҳ медод.

Пешниҳоди баррасигардида хусусияти тавсиявӣ дошта мазмуни авторефератро коста намегардонад. Дар маҷмуъ, кори илмии таҳқиқшаванда мустақилона буда, ба пурраги анҷомёфта мебошад ва навгониҳои илмӣ-амалиро дар худ инъикос менамояд.

Умуман автореферати диссертатсия дар мавзуи "Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ" аз руи натиҷаҳои илмии худ ба бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад ва муаллифи он Султонов Мусулмон Субҳонович арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муаллими калони кафедраи
молия ва андозбандии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон н.и.и. Сафаров Х.А.

Суроға: 734055, х. Борбад 48/5, ш. Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел./Факс: (992-37) 234-88-02 E-mail: dsx_ips@mail.ru

Имзои муаллими калони кафедраи молия ва андозбандии ДБССТ н.и.и., Сафаров Х.А.-ро тасдиқ мекунам

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.